Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ассотсиатсияи Милии хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) ҶТ

ДАР СОМОНАИ МО МАВОДҲОИ ГУНОГУНИ ФОИДАНОК ЗИЁД АСТ. МАРҲАМАТ БО ТАВРИ РОЙГОН ДАСТРАС НАМОЕД! WWW.AIST.TJ Хизматрасонии барои ҷамъоварӣ ва паҳн намудани маводҳои гуногун дар соҳаи кишоварзӣ ташкил гардидааст ва барои мазмун ва мундариҷаи маводҳо ҷавобгар нест. Аммо, дар ҳолати пайдо шудани хатоҳо ва бо мақсади бартараф намудани онҳо, аз ҳамаи истифодабарандаҳо хоҳиш дорем, ки моро тавассути қуттии электронии мо mail@aist.tj огоҳ намоянд. Қаблан миннатдории хешро баён **намуда ба фаъолияти ҳамаи Шумо баракат орзу дорем**!

# ТЕХНОЛОГИЯИ ПАРВАРИШИ БОДИРИНГ



Душанбе - 2011

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA) «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон" таҳия ва нашр карда шуд.

**Муаллифон:**
Т. Ахмедов, аъзои вобастаи АИКТ, доктори илмҳои кишоварзӣ
М. Сулангов, корманди калони илмӣ
Б.Б. Сангинов, корманди калони илмӣ

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

## САРСУХАН

Бодиринг яке аз зироатҳои хеле васеъ паҳн гаштаи сабзавотӣ буда, қариб дар ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ васеъ кишт карда мешавад. Бодиринг сабзавоти серғизо буда, дар таркибаш 95 – 96 % об, 0,86 % моддаҳои нитрогендор, 1,8 – 2,8 % қанд, 0,4 % клечатка,тақрибан 8 млл. % витаминҳои С, А, В, намакҳои калий, калсий ва фосфорӣ дорад.

Ватани асосии бодиринг ноҳияҳои тропикии Ҳиндустону Индонезия буда, онро дар ин мамлакатҳо зиёда аз 3 ҳазор сол пеш кишт мекарданд. Тоҷикон бодирингро аз асри шонздаҳ боз ин ҷониб парвариш менамоянд. Бодирингро бо тарзи тару тоза, тайёр кардани салат, дар намаку сирко хобонда истифода мебаранд. Он зироати як сола буда, палакаш дароз (аз 50 см то 3 м, дар гармхонаҳо 5-7 м), сербаргу сернавда мебошад.

Яке аз хусусиятҳои биологии бодиринг ин гармидӯст будани он мебошад. Барои нашъунамои хуби ниҳолҳо ва ҳосилбандии онҳо бояд ҳарорати гармии ҳаво на камтар аз 25 –$30^0$С ва ҳарорати замин 20 –$22^0$С бошад. Дар шароити Тоҷикистон ҳамаи навъҳои бодирингро парвариш карда, мева ва тухмии онҳоро гирифтан мумкин аст.

Бодиринг тамоми сол (тирамоҳу, зимистону баҳор дар гармхонаҳо) ва баҳору тобистон дар заминҳои кушод васеъ кишт карда мешавад. Шароити хуби парвариши бодиринг (дар заминҳои кушод) аз охирҳои моҳи март – аввали апрел оғоз гардида, то моҳи октябр давом мекунад, ки он 170 – 185 рӯзро ташкил медиҳад. Дар шароити ҷумҳурӣ навъҳои зерини бодиринг кишт карда мешаванд: «Беназир», «Узбекский – 740», «Марғелонӣ – 640», «Марғелонӣ –88», «Парад», «Марғелонӣ – 822» дурагаҳои «Орзӯ –F-1», «Саафа –F-1», «Суперелина-F-1», «Домингез –F-1», «Аякс» ва ғайраҳо.

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# НАВЪҲО

**Навъи «Беназир».** Ин навъ соли 1994 дар ҷумҳурии мо ноҳиябандӣ гардида, барои



кишт дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ тавсия дода мешавад. Самти истифодабариаш, барои хуриш (салат) ва универсалӣ мебошад. Навъи пешпазак буда, аз давраи аввали неш зада баромадани ниҳолҳо то чидани ҳосили якуми он муддати 42 – 44 рӯзро дар бар гирфта, аз пурра неш зада баромадан то чиниши охири ҳосили он 87 – 90 рӯз мебошад. Ин навъ яке аз навъҳои серҳосил буда, дар вақти кишти аввали баҳорӣ то 400 - 450 сентнер аз як гектар ва аз ин ҳам зиёд ҳосил медиҳад. Барои кишти аввали баҳорӣ ва тобистона васеъ истифода бурда мешавад. Қади ниҳоли асосиаш 110 - 140 см, баргаш сабзи сиёҳчатоб, мевааш силиндршакл, ҳамвори сабз ва дар охираш нофча дорад. Бо ҳамин хусусияташ аз дигар навъҳо фарқ мекунад. Дарозии меваaш 15 –18 см, диаметраш 3-5см, вазнаш 100 – 150 грамм ва аз ин калон буда метавонад. Миқдори тухмӣ барои кишт 4- 5 кг барои 1 га, мӯҳлати кишт моҳҳои апрел – май, обмонии киштзор дар муддати 1 моҳ 3 маротиба дар давраи нашъунамо 12-15 маротиба об мондан лозим. Давраи ҷамъоварии ҳосил аз моҳи май то моҳҳои сентябр - октябр. Яке аз хусусиятҳои асосии ин навъ дар он аст, ки меваи он тез зард намешавад.

**Навъи «Узбекский –740».** Навъи миёнапаз буда, давраи аз баромадани ниҳолҳо ва



чиниши якуми ҳосил 48-65 рӯз ва аз ин зиёд мебошад. Давраи ҳосилбандиаш дар шароити хуби парвариши он то 50 – 60 рӯз давом мекунад. Меваaш силиндршакл, ҳамвор, дарозиаш 10 – 13см, диаметраш 4,5 – 5,0 см аст. Вазни миёнаи меваaш 100 – 180 грамм аст. Ранги меваaш сабзи ҷилоӣ буда, бо хатакҳои равшан ифодашаванда мебошад. Ба гармӣ тобовар буда, ҳосилнокиаш 100 – 160 сентнер аз як гектар мебошад. Дар шароити хуб нигоҳубин то 330 –375 сентнер мерасад.

**Навъи «Марғелонӣ– 882».** Соли 1956 барои кишт ҷорӣ карда шудааст, навъи ӯзбекӣ



буда, дар тамоми минтақҳои ҷумҳурӣ, бидуни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон парвариш карда мешавад. Навъи миёнаи дерпаз буда, давраи аз неш зада баромадани ниҳолҳо аз замин то чиниши якуми ҳосил 48 - 55 рӯз лозим аст. Ҳангоми кишти баҳорӣ ҳосилбандии ин навъ 60-75 рӯз мебошад. Дарозии ниҳолаш 150 см ва аз ин ҳам зиёд, баргҳои зиёд дорад, рангаш сабзи сиёҳчатоби силиндр-шакл, ҳамвор, дарозиаш 15-16 см, диаметраш 4,5-5см, вазни миёнааш 125-140 грамм аст. Ҳосилнокии миёнааш аз 1 га ба 120-160 сентнер баробар мебошад. Хусусияти фарққунандаи ин навъ аз навҳои дигар дар он аст, ки ба гармӣ тобовар аст.

**Навъи «Аякс F-1»**- ҳосилнокиаш баланд ва хушсифат, дурагаи Ҳолландӣ буда, аз соли 2007 дар ҷумҳурӣ барои кишт ҷорӣ карда шудааст. Дурагаи пешпазак, ба воситаи занбури асал гардолуд мешавад, ҳосилнокии мунтазам, меваащ сабзи серанги хордор буда, дарозии мевааш 6-12 см мебошад. Ҳангоми аввали ҳосилбандӣ меваи зиёде ба бор меоварад, ки ин боиси дар бозор бо нархи баланд фурӯхтани маҳсулоти он мегардад. Барои содирот ба дигар ҷумҳуриҳо қуллай аст. Ба касалиҳои ВОМ, ҷелзанӣ ва переноспарёз устувор мебошад.



**Навъи «Орзу F-1»** – Мевааш на он қадар дароз аст, ба бодиринги навъи ӯзбекӣ шабоҳат дорад. Мевааш ранги сабзашро тамоми муддати нашвиаш (вегетатсиониаш) дар худ нигоҳ медорад, дар заминҳои кушод ва гармхонаҳо устувории худро нисбати касалиҳои ордаки сафед (мучнистая роса) ва переноспориоз таъмин менамояд, Меваҳояш дар шакли тару тоза ва намакхобонидашуда болаззат мебошад. Барои парвариш дар заминҳои кушод ва гармхонаҳо дар мавсимҳои гуногун пешбинӣ карда шудааст, ҳангоми парвариш дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ба додани озуқаи иловагӣ аз қабили нуриҳои нитрогенӣ эҳтиёҷоти зиёд дорад.



## МӮҲЛАТИ КИШТ

Дар шароити ноҳияҳои водии Ҳисор кишти бодирингро дар ду – се мӯҳлат гузаронидан мумкин аст. 1). Аввали баҳорӣ; 2). Баҳорӣ; 3). Баҳору – тобистонӣ.

Дар вақти кишти баҳорӣ бодирингро барои гирифтани ҳосили барвақтӣ дар тубакчаҳои торфӣ ё поругӣ ниҳол мекунанд. Шинондани ниҳолҳоро дар замини кушод дар нимаи моҳи апрел гузаронидан лозим аст. Барои кишт дар ин мӯҳлат навъҳои тезрас ба монанди «Беназир», «Узбекий –740», дурагаҳои «Орзӯ», «Саафа» ва дигар навъу дурагаҳо тавсия карда мешавад.



Кишти баҳориро дар заминҳои кушод аз нимаи дуюми моҳи апрел, ҳангоми ҳарорати гармии замин дар чуқурии 10-15 см ба 12 –14°с мерасад, гузаронидан лозим мебошад.

Кишти баҳорию тобистонӣ дар моҳҳои май ва июн гузаронида мешавад. Дар ин мӯҳлати кишт навъҳои зерин истифода бурда мешавад, ба монанди Беназир, Узбекский -740, Парад, ва ғайра. Меъёри кишти бодиринг дар кишти бахор 4-5кг/га (40 – 50 гр дар 1 сотих), ва дар кишти тобистонии 5-6 кг/га (50 – 60 гр дар 1 сотих) мебошад.

# КИШТГАРДОН

Бодирингро дар киштгардон баъди алафҳои бисёрсола, зироатҳои лубиёгӣ, картошкаи барвақтӣ, пиёз, карам, помидор, сабзӣ ва ғалладонагиҳо кишт кардан ба маврид аст. Баъди кишти каду, тарбуз, харбуза ва дигар намуди зироатхои полезӣ бодирингро кишт кардан лозим нест.

**Кишт кардани бодиринг баъд аз зироатҳои зерин тавсия дода мешавад:**



Картошка


Пиёз


Карам


Сабзӣ


Помидор


қаламфур


Ҷуворимакка


Гандум


боимчон

**Кишти бодиринг баъд аз зироатҳои зерин тавсия дода намешавад:**


Тарбуз


Бодиринг


Каду


Харбуза

## ПАРВАРИШИ БОДИРИНГ

Барои кишти бодиринг заминҳои ҳосилхези обҳои зеризаминиашон чуқур ҷой гирифта ҷудо кардан лозим аст. Дар заминҳое, ки бодиринг кишт карда мешавад, бояд ки замин аз тирамоҳ дар чуқурии 30- 35 см шудгор ё дастӣ нарм карда шавад. Бодиринг нисбат ба дигар зироатҳо ба моддаҳои ғизоӣ, махсусан ба нуриҳои органикӣ серталаб мебошад. Аз ҳамин сабаб барои гирифтани ҳосили баланд, тирамоҳ ҳангоми шудгор ё нарм кардани замин ба он аз рӯи меъёри 40-50т/га (400-500 кг дар 1 сотих) пору андохтан лозим аст. Аз нуриҳои маъданӣ бошад, 300 – 400 кг/га (3- 4 кг дар 1сотих) суперфосфатро низ ба замин пошидан лозим аст.



Парвариши бодиринг дар замини кушод

## ТАЙЁР КАРДАНИ ТУХМӢ БАРОИ КИШТ

Тухмии бодирингро барои кишт кардан аввал дар маҳлули 5%-и оби намакдор то тухмиҳои пучи он болои об баромадан, нигоҳ доштан лозим аст. Тухмиро пеш аз кишт барои кам кардани касалиҳо бо препарати ТМТД (4гр дар 1кг тухми) заҳролуд кардан лозим аст.

**Кишт:** Бодиринг яке зироатҳое, мебошад ки гармии зиёдро талаб мекунад, тухмии он дар гармии замин на кам 13-15$^{O}$С неш зада мебарояд. Барои ҳамин кишти онро вақте, ки ҳарорати замин дар чуқурии 10-12 см ба 12-14$^{O}$С гарм мешавад гузаронидан лозим ки, то неш зада баромадани ниҳолҳо пурра шавад. Дар ҳолати гарм будани ҳаво тухмиҳоро тар кардан лозим аст, ки то мӯътадил неш зада баромадани онҳо таъмин карда шавад. Бо ин мақсад тухмиҳоро дар ягон зарфи шишагӣ ё сафолин ба ғайр аз зарфи оҳанӣ ё алюменӣ ду шабонарӯз тар кардан лозим аст. Дар ин муддат оби зарфро 2-3 маротиба иваз кардан зарур мебошад. Пеш аз кишт қаторҳоро аз рӯи нақшаи (схемаи) 70 х 25- 30 см кашидан лозим, масофаи

байни қаторҳо 70 см ва байни ниҳолҳо бошад 25-30 см. Дар як сотих замин 450-500 дона ниҳол ши нонидан лозим аст. Баъди 5-6 рӯз ниҳолҳо неш зада мебароянд. Дар вақте ки ниҳолҳо 1-2 барги ҳақиқӣ мебароранд ягонакунии якум ва дар вақти 2-3 барги ҳақиқӣ баровардан ягонакунии дуюмро гузаронидан лозим аст Баъд аз он коркарди якуми байни каторҳоро, ки аз амалҳои зерин иборат аст, гузаронидан зарур мебошад:

a) Нармкунии байни қаторҳо дар чуқурии 8 –10 см;
b) Пошидани нуриҳои маъданӣ ва кашидани ҷӯякҳо барои обдиҳӣ.
c) Ба киштзори бодиринг 2-3 маротиба нурихои маъданӣ пошидан лозим аст.



Кишти баҳории бодиринг



Кишти тобистонаи бодиринг

1) Дар вақти 3-4 барга будани ниҳолҳо аз рӯи меъёри 120-150 кг/га (1,2-1,5кг дар 1 сотих) нуриҳои ни трогенӣ (селитраи аммиакӣ) ва 80-100 /га (0,8 – 1,0 кг дар 1 сотих) нурихои фосфорӣ (аммофос) пошидан зарур аст.

2) Дар вақти гул кунии ниҳолҳо аз рӯи меъёри 180-200 кг/га ( 1,8-2,0кг дар 1 сотих) нуриҳои нитрогенӣ ( селитраи аммиакӣ) ва 100-120 кг/га ( 0,8 – 1,0 кг дар 1 сотих) нурихои фосфорӣ ( аммофос) пошидан лозим.

3) Дар ҳосилбандии нихолҳо ба озуқадиҳии якум гузаронидан лозим аз руй меъёри 120-150 кг/га (1,2-1,5кг дар 1 сотих) нуриҳои нитрогенӣ (селитраи аммиакӣ) ва 80-100 кг/га (0,8 – 1,0 кг дар 1 сотих) нурихои фосфорӣ (аммофос) пошидан зарур аст.

Бодиринг нисбат ба намнокии замин ниҳоят серталаб мебошад, бинобар ин серталабии онро ба назар гирифта, заминро ҳамеша намнок нигоҳ доштан лозимаст (на кам аз 75 – 80%), чунки решаи он дар қисми болоии замин ҷойгир аст. То давраи гулкунии ниҳолҳо обдиҳиро баъди хар 7-8 руз ва дар вакти хосилбанди бошад баъди чамоварии хосило он об додан зарур аст. Бояд қайд кард, ки навъхои тезраси бодиринг, нисбат ба наъвхои миёна ва дерпаз ба намнокии эхтиёчи зиёд доранд.

## ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛ

Ҳосили бодирингро вобаста аз ҳаҷми меваи он баъди ҳар 2-3 рӯз гузаронидан лозим, агар дермонӣ шавад боиси кам шудани ҳосил ва паст шудани сифати он мегардад. Дар чидани ҳосил кушиш кардан лозим навдаҳои он нашиканад. Барои нағз нигоҳ доштани мева ва ба ниҳолҳо нарасидани осеб ҷамъовари онро саҳарии барвақт ё бегохирӯзӣ гузаронидан лозим. Ҳосили ҷамъоварикардаро дар ҷои салқин 2-3 рӯз тару тоза нигоҳ доштан мумкин аст.



Мӯҳлати ҷамъоварии ҳосил

## КАСАЛИҲОИ БОДИРИНГ

Растаниҳои бодиринг дар давраи наъшунамояш ба касалиҳои гуногун дучор мешавад, ба монанди Антракноз, Бактериоз, Гардзании қалбакӣ (Переноспориоз) ва ғайра, ки ба ҳосили он осеби сахт мерасонад.

**Антракноз** – Касалии занбурӯғӣ мебошад. Дар баргҳои растаниҳои сироятшуда, доғҳои гирди зардчатоб ва ё қаҳвагӣ пайдо мегарданд, ки ҳангоми ҳавои намнок ба ранги гулобӣ пӯшида мешаванд. Дар навда, поя ва самари растанӣ низ чунин доғҳои гулобӣ пайдо мешаванд, лекин ба шакли ярачаҳо. Самар, лаззат ва хусусияти ғизоии худро гум карда, зуд вайрон мешавад. Инфексия ба тариқи тухм ва боқимондаҳои ҳосили ғундошташуда мегузарад.

**Аломатҳо -** антракноз дар кӯчатҳо, баргҳо, қаламчаҳо, поя ва меваҳои бодиринг яраҳоро ба вуҷуд меорад. Дар баргҳои бодиринг, одатан, аввал, яраҳои хокистарранг пайдо шуда сурх шуда, дар наздикии рагҳо пайдо мешавад, онхо дурушти гирд буда, ҳудудаш метавонад бештар аз 1 см диаметр дошта бошад. Баргҳо мумкин вайрон шаванд ва маркази яраҳо мумкин сӯрох шуда ва меафтанд ва намуди сӯрохии бо тир

сӯрохкардашударо мегирад. Дар қаламчаҳо ва пояҳо ярахо майда буда баъд дароз шуда, мавзеъҳои сухташуда пайдо мешаванд. Дар мева ярахо гирд мебошанд, мавзеъҳои фурӯ рафта ва монанди дар об тар шуда, аввал инкишоф меёбанд, вакте, ки пухтани мева оғоз мешавад ва баъд васеъ шуда андозааш калон мешавад. Дар ҳавои намнок ин ярахо сиёҳ мешаванд ва бо спораҳои бисёри гулобӣ пушонида мешаванд.

**Рушд ёфтани касалиҳо** – Занбуруғ дар байни боқимондаҳои зироатҳои сироятёфта, растаниҳои ихтиёрии сироятёфта зиндагӣ мекунад ва метавонад ба воситаи тухмии зироати ҷамъоваришуда аз меваи сироятёфта паҳн гардад. Қисмҳои дар ҳолати истироҳат қарор доштаи ин занбурӯғ (конидия) ба воситаи шамол, борон, асбобҳои корӣ ва коргарони саҳро паҳн гардад. Барои ҳамин ин касалиро касалии аз тухмӣ пайдошуда ҳам меноманд.

**Антракноз касалии бисёр ҳам ҷиддӣ мебошад, махсусан дар шароити боду ҳавои мусоид, ба монанди мавсими боронгарӣ, ҳавои абрнок, метавонад ба растаниҳои бодиринг талафот калон расонад. Дар вақти тағъир ёфтани боду ҳаво, огоҳ бошед!! Ва мунтазам зироатҳоро назорат кунед. Ба пайдоиши аломатҳои касалӣ аҳамияти калон диҳед!**

**Бактериоз** – касалии бактериологист. Ин касалӣ ҳангоми ҳавои намнок ва гарм аз



лаҳзаи сабзиши растанӣ пайдо гашта, тухмпилла, барг, гул ва самари онро нобуд месозад. Растании баргҳо ва қанораҳои риштаҳои барг доғҳои равғанин пайдо мекунанд.

Бо инкишофи касалӣ доғҳо хушк гашта, ранги бури зангзадаро ба худ мегиранд. Дертар қисмҳои хушкшуда рехта, баргҳояш сурохиҳо пайдо мекунанд. Дар навдаҳо, ғурра ва самар доғҳои хурди обдор пайдо мешаванд, ки баъд хушкшуда, шакли захмчаҳои чуқурро мегиранд. Инфексия ба воситаи тухмӣ ва боқимондаҳои ҳосили ғундошташуда мегузарад.



**Пажмурдашавии фузариозӣ ё пӯсиши реша -** касалии занбуруғист. Бештар майсаҳо ва растаниҳои калон осеб мебинанд.

Занбурӯғ аз замин ба растанӣ ба воситаи мӯякҳои реша ворид гардида, дар рагҳои растанӣ ҷой мегирад ва онҳоро маҳкам карда ба заҳролудшавии он оварда мерасонад. Дар натиҷа дар майсаҳо тухмпаллаҳо пажмурда шуда, асоси поя ва реша пӯсида меравад. Дар растаниҳои инкишоф ёфта баргҳо ва нуги навдаҳо зардшуда, пӯсида аз байн мераванд. Асоси реша ва поя

сиёҳтоб шуда, мерезад. Растанӣ шикаста қабати болоии решаро занбурӯғӣ сафед ё гулобиранг фаро мегирад.
Бар зидди ин касалиҳо чораҳои заруро дидан лозим, ба монанди киштгардон ва истифода бурдани захрҳои кимиёвӣ ба монанди купрозан, арсерид, ридомил, даконил ва ғайра.

Меъёри истифодабарии онҳо аз рӯи маҳлули 0,2- 0,3% (20-30 грамм хокаи он дар 10 л об) дар 1сотих замин. Аз хашаротҳо ба ниҳолҳои бодиринг тортанак, триппс ва шира зарари калон мерасонад, бар зидди ин ҳашаротҳо пестицидхои Антио, БИ-58, Нурелл-Д - ро истифода бурдан лозим аст, аз махлули 0,2- 0,3 % -аи онҳо (20 –30 мл дар 10 литр об) дар 1 сотих. Барои самаранок истифода бурдани ин заҳрхимикатҳо онҳоро як ҷоя карда ба ниҳолхо хам ба мукобили касаоихо ва хпшаротхо истифода бурдан лозим.

**Гардзании қалбаки (Мучнистая роса)-** Ин касалии замбурӯғӣ буда қариб, ки дар ҳама ҷо дида мешавад.Он қариб ҳама растаниҳо оилаи кадугиро зарар мерасонад.Хусусан зарари калон дар вақти боду ҳавои хушку гарм мерасонад. Касали асосан бештар дар баргҳо дар намуди доғҳои на он қадар калони ордаки калбаки пайдо мешавад. Онҳо тез калон шуда тамоми масоҳати баргхоро мегирад, ва дар натиҷа бархушкида нобуд мешаванд.



***Чораҳои зарурӣ ба муқобили касалиҳои бодиринг:***

- ✓ Ҷорӣ кардани системаи киштгардон;
- ✓ Нест ва нобуд кардани танию пояи растаниҳо аз замин;
- ✓ Безарар кардани тухми пеш аз кишт (истифодаи Маргансовка $KMnO_4$ -1%, ТМТД- 4 грамм дар 1кг тухмӣ);
- ✓ Истидафодабурдани Фунгициди Ридомил-Голд МЦ-60 , бо маҳлули 0,2% -а (20 гр, дар 10л об барои як сотих).

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj

# ҲАШАРОТҲОИ ЗАРАРРАСОН

**Ширинчаи полезӣ** – ба шакли модинаҳои қанотдор ва беқанот ба назар мерасанд. Модинаҳои беқанот ва чисман тухмчаҳояшон дар алафҳои бегона ва боқимондаҳои баъд аз ғунучини ҳосил монда, зимистонро мегузаронанд. Аввали баҳор онҳо бедор гашта, дар алафҳои бегона тудаи ширинчаро ба вучуд оварда, афзоиш меёбанд. Тобистон ширинчаҳои қанотдор пайдо мешаванд. Онҳо ба зироатҳои полезӣ парида омада, шираи онҳоро мемаканд. Дар натича навда, гул, ғурра ва қабати поёнии баргҳо шакли худро гум карда, хушк мешаванд. Тирамоҳ ширинча боз ба алафҳои бегона мегузарад ва дар ҳама чо зимистонро мегузаронад. Дар як мавсим то 14 насли ширинча инкишоф меёбад.

**Магаси тухмӣ** – хокистарранг буда, на он қадар калон аст. Зараровар на худи магас, балки кирмакҳояш мебошанд. Зочаҳояш зимистонро дар қабати хок мегузаронанд. Баҳор парвози магасҳо ба оғози гулшукуфти сафедорон рост меояд. Магаси модина зери тудаи хок тухм мегузорад. Вай бештар заминҳои намноктару порудори на он қадар хуб киштшударо интихоб менамояд. Баъд аз 20 рӯз кирмакҳо ба вучуд меоянд. Кирмак майсаи бодирингро сӯрох карда, ба воситаи тухмӣ ба даруни пояи растанӣ ворид мегардад ва растаниро нобуд месозад. Баъди анчоми ғизогириаш ба шакли зоча мубаддал гашта, дар хок чой мегирад. Баъди 12 – 16 рӯз насли дигари магасҳо ба парвоз меоянд. Дар муддати як сол шумораи насли магасҳо ба чаҳор мерасад.



**Канаи тори тортанакмонанд** – хашароти хурд буда, баданаш ба сар, қафаси сина ва шикам чудо нашудааст, танҳо чаҳор чуфт по дошта, рангаш сабзи зардчатоб аст. Канаҳои модина дар байни пастмондаҳои растаниҳо, дар зери замин, дар сӯрохиҳои сохтмонҳо, дар дохили бурё ва чаҳорчубаи гармхонаҳо зимистонро мегузаронанд. Баҳорон кана-ҳои тори тортанакмонанд дар байни алафхои бегона дар саҳро, қад – қади роҳҳо, чуйборҳо ва байни чӯякҳо инкишоф меёбанд. Дертар онҳо ба зироатҳои полезӣ, ба қабати поёнии баргҳо гузашта тухм мегузоранд. Баъд аз 5 – 7 рӯз аз тухмҳо кирмакҳо ба вучуд меоянд. Баъди гирифтани ғизо онҳо ба зочаҳо мубаддал гашта, сипас ба канаҳои калон табдил меёбанд. Дар давоми сол аз 12 то 15 насли ин навъи кана инкишоф меёбанд.



## ЧОРАҲОИ ЗАРУРӢ БАР ЗИДИ ҲАШАРОТҲОИ ЗАРАРРАСОНИ БОДИРИНГ

Чораҳои асосии мубориза бар зидди касалию зарапрасонҳои бодиринг ин киштгардон ва истифода бурдани заҳрҳои кимиёвӣ ба монанди купрозан, арсерид, ридомил, даконил ва ғайра мебошад.

Меъёри истифодабарии онҳо аз рӯи маҳлули 0,2- 0,3% (20-30 грамм хокаи он дар 10 л об) дар 1сотих замин. Аз ҳашаротҳо ба ниҳолҳои бодиринг тортанак, триппс ва шира зарари калон мерасонад, бар зиди ин хашаротҳо пестицидҳои Антио, БИ-58 -новый, Нурелл-Д-ро истифода бурдан лозим аст, аз руи маҳлули 0,2- 0,3 % -аи онҳо (20 –30 мл дар 10 литр об) дар 1 сотих.

Барои самаранок истифода бурдани ин заҳрхимикатхо онҳоро як чоя карда ба ниҳолҳо ҳам ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳо истифода бурдан лозим аст.

## ТУХМИПАРВАРИИ БОДИРИНГ

Технологияи тухмипарварии бодиринг ҳам қариб, ки ба технологияи парвариши бодиринги хӯрока монанд мебошад. Фақат як нуқтаро қайд кардан зарур аст, ки барои он ки тухмии бодиринг ба пуррагӣ расад, аз 3 то 4 моҳ лозим мешавад. Ҳосили аввали бодаринг-ро 2 – 3 маротиба чида, барои хӯрока истифода бурдан зарур аст, чунки меваҳои аввалаи бодаринг тухмии хуб намедиҳанд. Баъд нигоҳубини ниҳолҳоро аз рӯйи агротехникаи зарурӣ гузаронидан лозим аст. Ҳангоме, ки меваи бодаринги тухмӣ зард ва баъдан зарди сурхчатоб мешавад ва тухмҳои он дар дохилаш мепазад, онро ғундошта, муддати 4 – 5 рӯз дар офтоб ннигоҳ доштан зарур аст.

Сипас онро бо корд аз байнаш бурида, тухмҳои онро бо обаш дар зарфи чинӣ, сафолӣ ё ин ки шишагӣ андохта 2 -3 рӯз нигоҳ доштан лозим мешавад, то ин ки он турш гашта, пардаи тухмиҳо аз он чудо гардад. Ба турбати тухмӣ (туршӣ) об андохтан лозим нест. Баъд онро бо оби равон шӯстан лозим мешавад, то вақте ки оби он соф гашта, тухмҳои пуч бо об полида раванд ва баъд тухмҳои мондаашро хушк карда, дар муддати 2 – 3 рӯз аввал дар офтоб ва баъдан дар чои соя хуб хушк кардан зарур мебошад. Аз 100 килограмм бодиринг барои гирифтани тухмӣ чудошуда, метавон 1,0 – 1,2 килограмм ва аз 1 тоннаи он бошад, аз 10 – 12 кг тухми бодирингҳо гирифта мешавад.





# МУНДАРИҶА

саҳ.

Сарсухан …………………………………………………………………………………….. 3

Навъҳо ……………………………………………………………………………………….. 4

Мӯҳлати кишт ………………………………………………………………………………. 5

Киштгардон………………………………………………………………………………….. 6

Парвариши бодиринг ……………………………………………………………………… 7

Тайёр намудани тухмӣ барои кишт………………………………………………………. 7

Ҷамъоварии ҳосил………………………………………………………………………… 9

Касалиҳои бодиринг……………………………………………………………………….. 9

Ҳашароти зараррасони бодиринг ………………………………………………………….. 12

Чораҳои зарурӣ бар зидди зараррасонҳои бодиринг…………………………………..... 13

Тухмипарварии бодиринг…………………………………………………………………. 13

БАҲРИ ДЕҲОТИ ДОРО
www.aist.tj